

Ҳамроҳ Усмон
Руачинӣ



## ДЎСТИ ХУРДСОЛИ МАН!

Шеър ҳам тарбияттар аст. Китоб дўсти беҳтарини туст. Хираду озодагӣ, росткориву поквиҷдонӣ, ки аз хондани китоб меомўзӣ, қимматтарин сарвати зиндагии туст.


КИТОБРО ДАР МЎҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10.08.15 | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»


ISBN 978-99947-53-66-6

Ҳамроҳ Усмон

# Рулачинӣ



Душанбе – 2012
ТЧБ «Истиқбол»



# ҶАҲОНДИДА

Бори аввалин момо
Нишаста шодон бо мо,
Ба тилвизор назар кард,
Гӯё беҳин сафар кард:
Душанбеи моро дид,
Маскави зеборо дид.
Сад баҳру дарёро дид,
Кубаву Олмонро дид,
Чину Покистонро дид…
Момо нишаста бо мо,
Ҷаҳондида шуд момо!



## ГУЛЧИНӢ

Лаб-лаби ҷӯ омадам,
Кашида бӯ омадам.
Дида-дида омадам,
Чида-чида омадам.
Гули худрӯ овардам,
Гули хушрӯ овардам.
Пури гул шуд ду дастам,
Гулҳоро даста бастам.
Хонаро бӯстон кардам,
Ҳамаро шодон кардам.

# РОҲУ МОҲ

Р-ю О-ю Ҳ
Роҳ мешавад,
М-ю О-ю Ҳ
Моҳ мешавад.

Моҳ баланд аст,
Роҳ басо дур,
Роҳи мо – то моҳ,
То хонаи нур!





# РӮЯКАШ ОФТОБ АСТ!

Об омаду об омад,
Раъночонро хоб омад.
Дар лаби чашма хоб аст,
Рӯякаш офтоб аст.
Сатилаш пури об аст,
Лабрези офтоб аст!

# ҲЕШУ ҲЕШ

Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Гови ало, ҳешу ҳеш.
Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Биё, биё, ҳешу ҳеш.

Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Овози худро барор.
Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Модаракам – интизор.

Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Нахӯрад ках баччаат.
Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Чашм ба раҳ баччаат.

Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Зинати ҳавлии мо!
Ҳешу ҳешу ҳешу ҳеш,
Боз ба ҳавлӣ биё!





## ДӮЛОНА

Дурдонаю Мастона –
Ду меҳрубон дугона.
Бо сатили пури пур,
Аз роҳаки дури дур,
Дӯлона мебиёранд,
Ба хона мебиёранд.
Дар ҳар ҷойи ҳавлимон,
Дар боғу дар пешайвон,
Менамоянд овезон
Монанди шаддамарҷон!

## «О» ВА «Б»

«О» орему «Б» орем,
Пахлӯи ҳам гузорем,
Оби равон мешавад,
Ҳузури ҷон мешавад!



# ОБИ ДАРЁ
*(Чигилак)*

Дидам, ки оби дарё
Меравад сӯйи боло
Меравад рӯ сӯйи кӯҳ
Бо ғавғою бо шукӯҳ.
Дар куллаҳо ниҳолон
Мехӯранд аз оби он.





Ҳамроҳ Усмон

# Гулчинӣ

(маҷмӯаи шеърҳо
барои кӯдакон)

ТҶБ «Истиқбол», 2012, ш. Душанбе,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: Istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.org

Муассис: Латофат
Муҳаррир: Ҷӯра Ҳошимӣ
Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев
Ороишгар: Комрони Раҳмон
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 05/02/2012 супорида шуд.
Ба чопаш 13/02/2012 имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.Ҷузъи чопию
ҳисобӣ 2,5. Адади нашр 5000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

ISBN 978-99947-53-66-6

Дар интишороти «Imak-ofset» ба нашр расидааст